Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибов Далер Абдуллоевич дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Кори диссертатсионии Д.А. Ҳабибов дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба сифати яке аз масъалаи рӯзмарраи ҳалталаби илмӣ баромад менамояд.

Мубрамии мавзуъ аз дарки воқеияти инкишофи Тоҷикистони муосир ва мутобиқати он бо назарияи илмӣ, ки намунаи пешрафтаи инкишофи тарҳи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоии кишварро инъикос менамояд, иборат мебошад. Таҳқиқоти мазкур аҳамияти муҳим ва зарурӣро соҳиб аст. Зеро тағйирпазирии куллии башарие, ки ба ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсир мерасонад ба ҳалли масъалаҳои зиёди ҳалталаби инкишофи сиёсӣ, ба ташаккули ҷомеаи муосир пайвасти ногусастанӣ дошта, таҳлил, натиҷагирӣ ва баҳогузории илми сиёсиро дар низоми муосири илмҳои иҷтимоӣ талаб менамоянд. Диссертант омӯзиш ва таҳлили намунаи инкишофи сиёсӣ, ҳолат ва ченаки қафомонии ин ё он кишварҳои олам, ки ба принсипи «ба меъёрҳои инкишоф мувофиқ нестанд» дар заминаи индексҳои эътирофшудаи ҷаҳонӣ зарур диниста, тағйири афкори мардум, ки талаби дигаргун сохтани сатҳи ҷаҳонбиниро дар шуури сиёсӣ, фарҳанг ва психологияи одамон дорад дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҷомеаи демократӣ муайян месозад.

Муаллиф махсусиятҳои назариявию методологӣ ва амалию сиёсии таҳқиқ, таҳлил ва натиҷагирии масъалаҳои маркетинги сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҳолатҳои зерин алоқаманд медонад: омӯзиш ва дарки андешаҳо, консепсияҳо оид ба ҷомеаи муосир, ки бевосита марбути масъалаҳои маркетинги сиёсӣ ва низоми идоракунии давлатӣ буда, ба воқеияти инкишофи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои объективӣ дода метавонанд; зарурат ба дарки комили мафҳум, моҳият, мазмуни маркетинги сиёсӣ, махсусан, истифодаи он нисбат ба кишварҳои тозаистиқлол талаботи зарурироба миён меорад; таҳлили нишонаҳои алоҳидаи маркетинги сиёсӣ, ба мисли институтҳои сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, арзишҳои сиёсӣ ва ғайра, ки барои таҳкими ҳамаҷонибаи дигаргуниҳои бaамаломадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса пайдо мекунанд.

Мақоми махсусро дар кори диссертатсионӣ муайян намудани хусусиятҳои инкишофи маркетинги сиёсӣ, марҳилаҳо, вазифаҳо ва мақсадҳои он, ошкор гардидани аҳамияти дигаргуниҳои сиёсӣ ва таъсири онҳо ба коркарди асосҳои маркетинги сиёсӣ пайдо намудааст. Тавсифи хусусиятҳои баҳамтаъсиррасонии унсурони маркетинги сиёсӣ, таҳлили шаклҳои иштироки акторҳои ҷомеаи маданӣ дар равандҳои маркетингии инкишофи Тоҷикистон, ки ба сифати навгонии илмии кори диссертатсионӣ баромад мекунад, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро дучанд месозанд.

Моҳияти амалии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо имкониятҳои истифодаи натиҷаҳои он дар ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зарурии сиёсати давлатӣ дар шароити муосир пайваст аст. Онҳо метавонанд дар коркард ва амалигардонии тарҳҳои рушди ҷомеаи муосир, мукаммалгардии таҷрибаи баамалбарории ислоҳоти сиёсӣ, ворид сохтани тағйиру иловаҳо ба раванди интишорои қонунҳо дар ҷумҳурӣ ва таълими фанҳои инсоншиносӣ истифода гарданд. Аҳамияти амалии рисола бо зарурати коркарди консепсияи “хусусиятҳои маркетинги сиёсӣ дар шароити

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба инобат гирифтани махсусиятҳои раванди сиёсии ҷаҳонӣ алоқаманд аст.

Хулоса ва тавсияҳои амалии диссертант, ба монанди истифодаи маркетинги сиёсӣ ҳамчун воситаи рушди иқтисодиёт, бартарафкунии таҳдидҳои дохиливу берунӣ, ташаккули фарҳанги маркетингӣ, дар асоси рушди ҳозира ва минбаъдаи кишвар мураттаб намудани ғояи миллӣ механизми амалисозии он, истифодаи таҷрибаи амалигардонии хусусиятҳои назариявии маркетинги сиёсӣ дар кишварҳои дигар, андозанамоии меъёрҳои ҳолатҳои маркетинги сиёсӣ шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра мақсаднок таҳлил ва пешниҳод шудаанд.

Ҳабибов Д. А. рисолае бо усули хос ва муносибати объективонае ба раванду ҳодисаҳои Ҷумхурии Тоҷикистон таҳия намудааст. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди кишвар ва ҳалли масъалаҳои инкишофи сиёсӣ аҳамияти муҳим дошта, дар дарки масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва дарёфти ҳалли онҳо аҳамияти зарурро касб намудааст.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти илмӣ нашр гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро инъикос менамоянд. Хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола дарҷгардида дониши амиқ ва ҳамчун натиҷаи таҳлили илмии муаллиф эътироф гардида, касбияти баланди муҳаққиқии онро собит месозад.

Бо баробари ҷой доштани муваффақиятҳо рисолаи мазкур ба мисли ҳар як кори таҳқиқоти аз нуктаҳои баҳсбарангез орӣ нест. Дар рисола баъзе аз масъалаҳои маркетинги сиёсӣ дар иртибот бо истифодаи таҷрибаи таърихӣ таҳлил нашуда ва навгониҳои муаллифӣ ба шарҳу тавзеҳоти иловагӣ ниёз пайдо намудаанд. Аз ҷумла:

- муаллиф дар зербоби боби дуюми диссертатсия дар бораи инкишофи идоракунии давлатӣ сухан меронад. Аммо ӯ чандон ба мақоми маркетинги сиёсӣ дар раванди мазкур таваҷҷуҳи амиқ равона насохтааст;

- маркетинги сиёсӣ дар раванди интихобот намунаи беҳтарин ба шумор меравад. Муаллиф бояд ба истифодаи он дар марҳилаҳои муайяни интихобот диққати бештар медод.

Дар маҷмуъ диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро коста насохта, баръакс муаллифро барои рушд додани фикрҳо ва тавсифи бештари нуктаҳои баҳснок водор менамоянд.

Ҳамин тавр, рисолаи диссертатсионии Ҳабибов Д. А. масъалаи рӯзмарраи ҷомеа ба ҳисоб рафта, навгониҳои зиёди илмиро инъикос менамояд ва ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони
кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ
ва дипломатия Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон Наимов И.Н.

Имзои И.Н. Наимовро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон А.А. Раҳимов